*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

17 январи соли 2024

№ 1-2
(191-192)

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДАР БОРАИ «СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ» ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2024

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар муҳлати як моҳ нақшаи чорабиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**
**ш. Душанбе,**
**30 декабри соли 2023,**
**№668**

## ТАВЗЕҲОТ

### ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668

**30.12.2023, шаҳри Душанбе**

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 қабул гардид.

Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Анҷом додани тадбирҳои зикргардида арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд.

**www.president.tj**

## ҶАМЪБАСТИ СОЛИ 2023 ВА НАҚШАҲО БАРОИ СОЛИ 2024

Дар ҷаласаи умумии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки 27- уми декабри соли 2023 баргузор шуд, ҳисоботи ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур оид ба ҷамъбасти соли 2023 ва вазифаҳо барои соли нави мелодӣ шунида шуд.

Гуфта шуд, ки соли 2023 барои ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ дар маҷмӯъ соли бобарор буд.

Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат зимни вохӯриҳо бо ҷавонон, зиёиён ва аҳли ҷамоатчигии мамлакат, қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам беҳтар гардонидани, сифати таълиму тарбия, тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир, афзун намудани дастовардҳои илмӣ ва ба ин васила саҳмгузор будан дар пешрафти иқтисодиёт ва рушду нумӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол нақша-чорабиниҳо таҳия намуда, зина ба зина амалӣ намуда истодааст.

Донишгоҳ фаъолияти худро дар чаҳорчӯбаи амалишавии бандҳои дахлдори як қатор Стратегия ва барномаҳои давлатӣ роҳандозӣ намуда, дар соли 2023 дар самтҳои асосии фаъолияташ ба дастовардҳои муайян соҳиб гардидааст.

Дар сохтори донишгоҳ 8 факултет, шуъбаи магистратура, 19 кафедра, 2 марказ, инчунин филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара ва Литсейи инноватсионии «Душанбе» фаъолият доранд.

Ҳоло дар зинаи бакалаври донишгоҳ донишҷӯён дар курси якум аз рӯи 36 ихтисос, курси дуюм 31 ихтисос, курси сеюм 30 ихтисос, курси чорум 33 ихтисос ва дар зинаи магистратура бошад, аз рӯи 11 ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Инчунин донишгоҳ аз рӯйи 7 самти илмӣ докторантура аз рӯи ихтисос PhD мутахассис тайёр намуда, аз рӯйи 12 самти илмӣ унвонҷӯёнро роҳбаладӣ менамояд.




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи ду соли охир дар раванди иҷрошавии нақшаи қабул мушкилот мушоҳида мегардад. Ба саъйю талоши раёсат ва кормандони донишгоҳ нигоҳ накарда, соли 2023 аз рӯйи 36 ихтисоси амалкунанда, ки тибқи нақша 1343 ҷой пешбинӣ гардида буд, 762 нафар донишҷӯ қабул гардид, ки 56,7 % - ро ташкил менамояд.

Аз ин рӯ, ба тамоми сохторҳои донишгоҳ супориш дода шудааст, ки омилҳои асосии интихоб нашудани ихтисосҳоеро, ки ба онҳо дар бозори дохилии меҳнат талабот ҳаст, вале аз ҷониби истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ пазируфта нашуданд, таҳлил намуда, барои бартараф кардани ин ҳолат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд. Инчунин бо дарназардошти вазъияти бамаломада раёсат барои ҷоннок намудани корҳои тарғиботӣ дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маъракаи тарғиботиро оид ба интихоби касб аз моҳи ноябри соли 2023 роҳандозӣ намуд ва ин чорабиниҳо давом доранд.

Ба ҳолати 01.12.2023 ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар умум 177 нафар омӯзгори доимиро ташкил медиҳад, ки аз ин 14 нафар доктори илм ва 96 нафар номзади илм ба ҳисоб мераванд. Ҳиссаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмидошта ба 62,2 % баробар буда, ба талаботи меъёрии МТОК ҷавобгӯй мебошад.

Дар раванди таҳким бахшидани пояи моддиву техникии ҷараёни таълим дар донишгоҳ 42 синфхонаи лексионӣ, 20 синфхонаи компютерӣ, 32 озмоишгоҳ, 30 синфхона барои дарсҳои амалӣ, 94 тахтаи анъанавӣ, 56 тахтаи электронӣ, 4 адад минбари электронӣ, 108 адад проектор ва дигар таҷҳизоти мултимедиявию аккустикӣ мавриди истифода қарор дода, айни замон дар ҷараёни таълим 780 адад компютери замонавӣ истифода шуда истодаанд.

Мақсади асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 - бунёди низоми самараноки маориф аст, ки имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё месозад. Тибқи Стратегия таваҷҷуҳи бештар ба сифати таҳсилот, инчунин малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳое зоҳир мегардад, ки ҷавонон дар ҷараёни таҳсилот ба даст меоранд.

с. 2

# ҶАМЪБАСТИ СОЛИ 2023 ВА НАҚШАҲО БАРОИ СОЛИ 2024

(Аввалаш дар саҳ. 1)

Сиёсати сифати таҳсилот дар донишгоҳ ба татбиқи рисолат, ҳадафу вазифаҳои донишгоҳ, пурра қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

Яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот ва обрӯю нуфузи донишгоҳ, ширкат дар рейтингҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбад..

Донишгоҳ дар доираи лоиҳаи ҳамкориҳои байналмилалии Олмон GIZ - «Маълумоти касбӣ барои соҳаҳои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ» тасмим гирифт, ки соли 2023 ихтисосҳои 1-49 01 01 03 - «Технологияи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ ва консентратҳои ғизоӣ» ва 1-49 01 01 03 - "Технологияи консервкунонӣ"-ро аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронад. Бо ин мақсад 23-юми феврали соли 2023 бо иштироки доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, эксперт оид ба рушди стратегии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон Исхакова Гульнар Кожугуловна, ки ба реестри Аврупоии ташкилотҳои аккредитатсионии байналмилалӣ шомил мебошад, дар донишгоҳ семинар - тренинг гузаронида шуда, аз тарафи гурӯҳи корӣ ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ "Ҳисоботи худбаҳодиҳӣ" ба Агентии мазкур ирсол гардид.

Рузҳои 1-4 ноябри соли 2023 гурӯҳи экспертони Агентии мазкур тамоми ҷанбаҳои фаъолияти Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи 10 Стандарти кафолати сифат дар таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд. Айни замон раёсати донишгоҳ мунтазири қарори ниҳоии Агентии мазкур дар бораи ба ду ихтисоси соҳаи хӯрокворӣ додани Сертификати аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаштан мебошад.

Дар соли таҳсили сипаригардида аз тарафи кормандони идораи таълимию методӣ зиёда аз 1200 рейди назоратӣ гузаронида шуда, динамикаи давомот дар мувофиқа бо деканатҳо мавриди баррасии мунтазами раёсати донишгоҳ қарор дода шудааст.

Бо мақсади баҳраманд гардидани омӯзгорон аз таҷрибаи ҳамдигар дар самти истифодаи технологияҳои интерактивии таълим ва худтакмилдиҳии касбӣ иштироки устодон дар дарсҳои ҳамдигар ва "Дарси кушод" роҳандозӣ гардидааст. Дар ин раванд, дар соли 2023 зиёда аз 200 маротиба омӯзгорон ба дарсҳои ҳамдигар даромада, аз ҷониби устодони варзида 106 дарси кушод гузаронида шудааст.

Раёсати донишгоҳ инчунин барои сабти дарсҳои видеоӣ дар заминаи студияи телевизионии "Маърифат" шароити мусоид фароҳам оварда, барои захирасозии маводҳои таълимӣ, инчунин ташкили дарсҳои бархатӣ (онлайнӣ) таҷҳизоти заруриро дастрас намуд, ки аз имкониятҳои техникии он васеъ истифода бурда мешавад.

Соли 2023 аз теъдоди умумӣ 87,6% рисолаҳои хатмро бо баҳои "хуб"-у "аъло" ҳимоя намуданд, ки нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2022 5,1 % зиёд аст.

Дар соли 2023 дар умум 24 нафар, аз ҷумла, 17 нафар бакалавр ва 7 нафар магистрант сазовори дипломи "аъло гардиданд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тули фаъолияташ барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар 16785 нафар мутахассисро тайёр намудааст, ки 658 нафарашон донишгоҳро бо дипломи аъло хатм кардаанд.

Дар соли таҳсили 2023 аз ҷониби ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ 95 номгӯи китоб ва маводи таълимӣ, аз ҷумла, 5 китоби дарсӣ, 43 дастури таълимӣ, 36 дастури методӣ ва 11 монография таҳия ва аз чоп бароварда шудааст.

Донишгоҳ дар соли 2023 дар самти иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ба як қатор дастовардҳо ноил гардид.

Дар соли 2023 дар маҷмӯъ 9 нафар омӯзгору корманди донишгоҳ рисолаҳои докторӣ ва номзадиашонро дар шуроҳои диссертатсионии КОА ҶТ ва Федератсияи Россия бомуваффақият ҳимоя намуданд. Аз ҷумла, 2 рисолаи докторӣ, 1 рисолаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ва 6 рисолаи номзадӣ.

Дар соли 2023 аз ҷониби олимону омӯзгорони донишгоҳ 8 монография ва 335 мақолаи илмӣ, ба чоп расонида шудаанд.

Дар донишгоҳ дар маҷмӯъ 73 конференсияи сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинару мизҳои мудаввар баргузор гардиданд.

Дар соли ҳисоботӣ аз тарафи олимони донишгоҳ 15 дархост барои гирифтани патент пешниҳод шудааст, ки аз онҳо 10 патент ба даст оварда шуда, барои 5 патент ҳалномаи мусбӣ дастрас гардид.

Аз рӯйи татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар корхонаҳо 8 санади татбиқӣ ба даст оварда шуд. Имрӯз дар донишгоҳ аз рӯи 2 лоиҳаи аз ҷониби буҷети Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузоришаванда корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда мешавад. Аз ҷумла, «Коркард ва технологияи илмиасоси рангуборкунии маснуоти нассоҷӣ бо рангҳои табиӣ»;

«Коркарди технологияи маҳсулоти хӯрокаи функсионалӣ бо истифодаи ашёи маҳаллии ғайрианъанавӣ». Инчунин дар даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии "Илм фурӯғи маърифат", 22 нафар донишҷӯ ва 3 нафар омӯзгори донишгоҳ иштирок карда, 11 нафари онҳо сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ, н.и.т. и.в., дотсент Фирӯз Ҷалилов дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии "Илм фурӯғи маърифат" дар номинатсияи "Ихтироъкорӣ ва навоварӣ" ҷойи дуюро ишғол намуд ва соҳиби 15000 сомонӣ гардид.

Дар шаҳри Ашқобод Озмун - олимпиадаи байналмилалӣ таҳти унвони "Технологияҳои муосир ва фановариҳои пешрафта" баргузор гардид, ки дар он мутахассиси пешбар оид ба докторантураи PhD - Олимбойзода Парвина Аҳмадбек дар номинатсияи "Технологияи химиявӣ" сазовори ҷойи аввал дониста шуд.

Дар соли сипаришуда н.и.х, и.в.профессори кафедраи химия Икромӣ Муҳаббат Бобо бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ сарфароз гардонида шуд.

Дар соли 2023 дар самти баланд бардоштани дараҷаи касбияти омӯзгорону кормандон якчанд курсҳои бозомӯзии касбӣ ташкил карда шуд, ки дар заминаи онҳо зиёда аз 30 нафар омӯзгори донишгоҳ такомули салоҳиятҳои касбӣ намуданд.

Мутобиқ ба сиёсати имрӯзаи низоми таҳсилоти олии касбӣ ва татбиқи принсипҳои Ҳукумати электронӣ, иқтисоди рақамӣ ва таҳсилоти рақамӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон системаи автоматонидашудаи раванди таълимро татбиқ намудааст, ки тариқи пайванди электронии www.lms.tut.tj дар шабакаи локалии донишгоҳӣ дастрас мебошад. Системаи мазкур аз модулҳои кормандон, шуъбаҳо, фанҳои таълимӣ, сохтани саволномаҳои тестӣ, идоракунии тестҳо, идоракунии контингент, сессияи имтиҳонӣ, триместерҳо, журнали деканат, журнали омӯзгор, рейтингҳои фаннӣ, дарсҳои маҳорат ва шуъбаи таълим иборат буда, барои пурра зери назорат гирифтан ва идора кардани раванди таълим ва бойгонӣ намудани маълумот дар воситаҳои электронӣ, фаъол мебошанд.

Ҳамчунин, зерсистемаи он барои донишҷӯён ба хотири таъмини бехатарии иттилоотӣ ва маҳдудияти дастрасии беиҷозати истифодабарандагон тариқи пайванди электронии www.ls.tut.tj дар шабакаи локалии донишгоҳӣ дастрас мебошад.

Дар раванди татбиқи Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ донишгоҳ дар самти автоматикунонии раванди коргузорӣ портали электронии махсусеро таъсис додааст, ки зина ба зина вобаста ба талабот ва афзалиятҳои корӣ модулҳои алоҳидаи он мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда истодаанд.

Ин система тариқи пайванди электронии www.unidoc.tut.tj дар шабакаи локалии донишгоҳӣ дастрас буда, модулҳои "Дархост", "Вазифаҳои даврӣ" , "Давомоти корӣ" ва модули " Антиплагиати мавзуъҳои рисолаҳои хатми донишҷӯён" - ро дарбар мегирад.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти тарбиявӣ ва тарғиботии донишгоҳ ба иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа дар раванди иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тақвияти ҳисси худшиносӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ равона гардидааст. Дар раванди татбиқи "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар давоми соли 2023 раёсати донишгоҳ дар робитаи зич бо мақомотҳо, сохторҳо, вазоратҳо ва муассисаҳои дигари таълимӣ фаъолият намудааст.

Донишгоҳ дар давоми соли 2023 дар 640 чорабинии сатҳи гуногун ширкат варзида, дар худи донишгоҳ 218 чорабинии фарҳангӣ, сиёсӣ ва варзишӣ баргузор намудааст.

Бо иштироки бевоситаи донишҷӯёни тибқи квотаи Президентӣ таҳсилкунанда 21 чорабинии фарҳангиву фароғатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, 5 озмуни Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ, 11 вохӯрӣ бо намояндагони мақомотҳои гуногуни болоӣ ташкил карда шуда, масъалаҳои таълиму тарбия ва шароити иҷтимоию маишии ин гурӯҳи донишҷӯён дар ҷаласаҳои Департаменти тарбия пайваста мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Дар соли 2023 дар умум 31 тӯйи домодиву арӯсии донишҷӯён ва кормандон бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" гузаронида шуд.

Ҷиҳати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷроиши Нақша – чорабиниҳои донишгоҳӣ дар сатҳи ҳамаи сохторҳо зери назорати қатъӣ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, дар соли 2023 ҷиҳати амалигардонии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 як қатор тадбирҳо андешида шуда, дар амал татбиқ гардидаанд.

Раёсати Донишгоҳ ҷиҳати иҷрои нақшаи қабули довталабон ҷидду ҷаҳд намуда, як зумра корҳоро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, нашри махсуси ҳафтаномаи "Фановар" таҳия гардида, маводи тағиботӣ (буклет, тақвимҳои ранга, баннер ва ролик) дар сомонаи расмии донишгоҳ, дар шабакаи Ютуби донишгоҳ ва фейсбук ҷойгир карда шудаанд. Ҳамзамон, дар шабакаҳои иҷтимоӣ миёни омӯзгорон ва масъулини донишгоҳ гурӯҳҳои тарғиботӣ ташкил карда шуда, ҷиҳати ҷалби бештари довталабон мубодилаи афкор сурат мегирад.

Дар соли ҳисоботӣ 21 шумораи ҳафтаномаи "Фановар"-и донишгоҳ хушсифат аз чоп баромадааст, ки дар онҳо хабару гузориш, лавҳа ва мусоҳибаю мақолаҳои омӯзгорон, донишҷӯён, магистрантҳо ва хонандагони литсейи инноватсионии "Душанбе" чоп гардидааст.

Дар донишгоҳ баҳри баланд бардоштани нақши таълиму тарбия ва роҳандозии самараноки дастовардҳову ихтироот дар фаъолияти касбӣ зиёда аз 15 барномаи радиоӣ, 17 барномаи телевизионӣ, 27 видеоролик ва 13 видеодарсҳо таҳия ва пахш гардида, зиёда аз 70 чорабинии донишгоҳӣ аксбардорию наворбардорӣ карда шудаанд.

Дар соли 2023 дар доираи "Стратегияи фаъолгардонии нақши занон дар ҶТ барои солҳои 2021-2030" донишҷӯдухтарон ва бонувони донишгоҳ дар 41 чорабинии фарҳангию сиёсӣ ширкат намуданд. Дастаи духтаронаи волейболи донишгоҳ дар мусобиқаҳои гуногуни сатҳи ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ ширкат намуда, миёни дастаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сазовори ҷои дуюм гардид.

Дар соли 2023 ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ донишгоҳ бо 18 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, созмону ширкатҳои хориҷӣ шартнома ва созишномаҳои тарафайн ба имзо расонидааст. Дар ин давра донишгоҳ дар амалӣ гардидани 7 лоиҳаи Барномаи ЭРАСМУС+Иттиҳоди Аврупо, лоиҳаи "Таҳсилоти касбӣ барои бахшҳои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ"-и Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ), лоиҳаҳои Ташкилоти Кореягии «Интиқоли технологияҳои коммуникатсионии глобалӣ» WTIT, Маркази байналмилалии тиҷоратӣ (ITC) фаъолона иштирок намуда истодааст, ки амалишавии бештари онҳо дар солҳои оянда низ идома доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 34 нафар донишҷӯ, омӯзгор ва корманди донишгоҳ ҷиҳати иштирок дар семинар, курсҳои такмили ихтисос, форуму конгрессҳо ва таҳсил дар доираи татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ ба хориҷи кишвар фиристонида шуда, 42 нафар олимону мутахассисони хориҷӣ ба донишгоҳ ташриф оварданд.

Дар доираи татбиқи лоиҳаи ELBA - Таъсиси марказҳои омӯзишию тадқиқотӣ ва таҳияи курсҳо оид ба таҳлили зеҳнии Додаҳои Калон (BigData) дар Осиёи Марказӣ 30 нафар омӯзгору донишҷӯи донишгоҳ аз ҷониби Донишгоҳи Приморска (Словения) соҳиби сертификати байналмилалӣ шуданд.

Дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва созишномаи тарафайн бо Донишкадаи Шоҳ Сеҷонги Корея дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Маркази забономӯзии Донишкадаи Шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея таъсис дода шуд.

Моҳи марти соли 2023 сафари расмии ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ва чанде аз омӯзгорон ҷиҳати ширкат дар ҷаласаи лоиҳаи "Таҳияи барномаи магистрӣ оид ба идоракунии соҳибкории саноатӣ барои кишварҳои дар давраи гузариш»(MIETC) ба Донишгоҳи ба номи Федерико ll -и Неаполи Италия баргузор гардид. Дар доираи сафар масъалаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дида баромада шуда, шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Раёсати Донишгоҳ бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва шиносоӣ, гурӯҳи кории 5 Донишкадаи штати Панҷоби кишвари Ҳиндустонро бо роҳбарии директори ин ниҳод, ҷаноби Канг Гурназ Синх қабул намуд. Меҳмонон аз дастовардҳои ДТТ изҳори қаноатмандӣ намуда, ба хулосае омаданд, ки дар оянда ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои тарафайн шартнома ба имзо расонанд.

Дар хотима гуфта шуд, ки коллективи донишгоҳ дар татбиқи сиёсати хирадмандонаю маорифпарваронаи Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2023), инчунин дар амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузошта, дар соли 2024 низ ба комёбию муваффақиятҳои назаррас ноил гардида, мутахассисони ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ ҷавобгӯро омода менамоянд.

# ПАЁМ - КАФИЛИ СУБОТ ВА ВАҲДАТУ ОСУДАГИИ МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН

Дар ҳаёти мардум осудагӣ, суботу ваҳдат ҳамеша аввалиндараҷа буду ҳаст. Натанҳо мардуми тоҷик, балки тамоми мардуми дунё суботу ваҳдату осудагиро орзуи ҳамешагии худ медонанд. Осудагӣ пойдор бошад, мардум роҳи таъминоти худро пайдо мекунад ва зиндагии шоистаро соҳиб мегардад. Аз осудагиҳо зиндагӣ гул мекунад. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон осудагӣ, суботу ваҳдатро кафолат медиҳад. Агар содда карда гӯем, қуввати дили ҳар яки мост Паёми Пешвои миллат. Ҳамасола Паёми Пешвои муаззами миллат ба руйи мардуми тоҷик дари боварию эътимод, зиндагии тинҷу осуда, амалишавии орзуҳои деринтизорро боз мекунад. Таассуроти аз Паём гирифтаамон ба ҳар яки мо неру мебахшад, барои пешрафту ҷойгоҳи воқеии худро дар ҳаёт доштан. Хусусан, Паёми навбатии Пешвои миллат аз ояндаи боз ҳам дурахшонтари мардуми тоҷик гувоҳӣ дод. Аз аввал то охир ба Паёми Пешвои муаззами миллат гӯш дода боз ҳам итминони комил пайдо намудем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти маҳбуби кишвар пайваста дар фикри некуаҳволии мардум ҳастанд. Нуктаҳое, ки дар Паём оид ба рафъи монеаҳои ҷойдошта ироа гардид, як роҳи дурухшони фардои зебо доштани мурдуми тоҷикро баёнгар аст. Ҳар ҷумлаи саршор аз муҳаббату ғамхории Паёми Пешвои миллат барои мардуми тоҷик роҳнамои кору зиндагист. То имрӯз воқеан корҳои бузурге барои пешрафти Тоҷикистон, некуаҳволии Тоҷикистони азиз анҷом дода шудааст. Рақамҳое, ки Пешвои миллат ёдовар шуданд, далели ба дастовардҳои бузург дар ҳама самтҳо ноил шудани давлати соҳибистиқлоли мост.

Умеду боварӣ ба оянда пеш аз ҳама аз Паёми Пешвои миллат дар қалби ҳар яки мо ҷо гирифт. Баъд аз Паём мо неруи бузург баҳри амалинамоии ҳадафҳои оянда ба худ гирифтем.

Эълон гардидани соли 2024 соли «маърифати ҳуқуқӣ» як такони ҷиддие барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон хоҳад буд. Бисёр масъалаи саривақтӣ, ки маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта мешавад. Ба чунин тадбири оқилона мардуми шарифи Тоҷикистон бисёр ниёз дошт.

Таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба соҳаи маориф масъулияти ҳамаи мо кормандони самти мазкурро баланд бардошта, тарбияи кадрҳои босаводро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Зеро тарбияи кадрҳои баландихтисос маҳз зери таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дорад. Дар натиҷаи ғамхориҳои Президенти кишвар дастовардҳои зиёд то имрӯз ба даст омадааст. Чуноне ки дар Паём зикр гардид: ‘’Тоҷикистон дар рейтинги кишварҳои маблағгузориашон ба самти маориф, дар ҷои 21 ум қарор дорад’’.

Ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сифати тарбияи мутахассисон ва мутобиқ гардидани кадрҳо ба талаботи замон Сарвари давлат таъкид намуданд, ки «Омӯзиши забони хориҷиро аз боғча оғоз кунед». Ин ҳидоятҳои созанда ояндаи дурахшонро барои наслҳои минбаъда кафолат медиҳад. Боварию эътимоди Пешвои миллат ба ҷавонон ин қишри неруманди ҷомеаро барои ноил гардидан ба дастовардҳои бузург роҳнамоӣ менамояд. Таъкиди Пешвои миллат, ки «Ҷавонон имрӯз ба ҳама кор қодир ҳастанд» сухани одӣ набуда, ба ин қишри ҷомеа неруи шикастанопазир барои пеш рафтан бахшид. Чунин суханҳои тиллоӣ имрӯз барои ҳар як ҷавоне, ки кӯшишу ғайрат дорад ва мехоҳад кори хубе дар пешрафти кору фаъолияташ анҷом диҳад, мисли обу ҳаво зарур буданд. Чунин суханронии Пешвои муаззами миллат беназир аст, ки соатҳо агар аз он ситоиш намоем кам аст.

Пешрафти бонувон, дар даврони Истиқлолият, ки маҳз таҳти ғамхориҳои падаронаи Президенти кишвар ба амал омадааст, дар Паём рақамҳои шоистаи таҳсин ироа гардид. Иброз гардид, ки «Аз 41 ҳазор ҷавононе, ки дар хориҷи кишвар таҳсил доранд, беш аз 11 ҳазор нафарашон бонувонанд». Воқеан ғамхориҳои падаронаи Пешвои миллат нисбат ба зан - модар беохир буду ҳаст. Чӣ гуна бо чунин дастгирию ғамхории Пешвои миллат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бонувони мамлакат содиқонаю софдилона кор накунанд? Ҳама дастовардҳои бонувони мамлакат имрӯз натиҷаи ҳамин ғамхориҳои давлат аст.



Дар Паём Пешвои миллат аз нияту нақшаҳои ояндасоз ҳарф зада, иброз доштанд, ки «Агар ҳар сол нафақа, маош ва стипендияҳоро ба 40% бардошта тавонем, дарозумрии аҳолии Тоҷикистон дар байни 10 сол ба 100 мерасад». Ҳамзамон, қайд гардид, ки» Табиати Тоҷикистон табиати биҳиштосо аст. Бояд, ки мардумаш беш аз сад сол зиндагӣ кунад». Воқеан иқдоми созандаи Пешвои миллат доир ба баланд бардоштани маоши кормандони ҳамаи соҳаҳо шаҳодати он аст, ки орзуҳо воқеан гул мекунанд. Қайд гардид, ки «Аз якуми июли соли 2024 нафақаи нафақахӯрон 30%, дигар сохторҳо 40 % зиёд карда мешавад». Ин иқдоми бебаҳою меҳрубонии Пешвои миллатро ҳар шахси бедордилу некбин дар қалби худ бо хатҳои заррин менигорад.

Пешвои ятимпарвари мо, таъкид намуданд, ки ҳама бояд ғамхорӣ ин қишри ҷомеа бошад. «Ман ҳар ҷое, ки сафар мекунам аввал аз ҳолу аҳволи ятимон хабардор мешавам. Ятимони мо ҳатто худро ятим эҳсос намекунанд». Ин амали неки Сарвари хирадманди мо дар ҳама сафарҳояшон дида мешавад. Намунаи ибрат барои ҳар нафар аст. Дар Паём ин нуктаро бисёр зебо Пешвои миллат ироа намуданд.

Ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бисёр назаррас аст, ки дар Паём аз натиҷаи он ёдоварӣ гардид. «Соли 2023 15 ёдгории таърихии тоҷикон ба Феҳристи ёдгориҳои ЮНЕСКО шомил шуд». Албатта, хонандаи азиз бояд ҳамеша ёд дошта бошад, ки ин 15 ёдгорӣ бо талошу заҳматҳои бесобиқаи Пешвои миллат дар ин феҳристи бонуфуз ҷойгоҳи худро пайдо намудааст. Пешвои миллат дар суханронии худ нисбат ба ҷои кор таъмин намудани шаҳрвандони кишвар ғамхории ҷиддӣ зоҳир намуда, таъкид намуданд, ки «Ҳар сол зиёда аз 100 000 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шавад». Ҳамаи ин тадбирҳо барои осудагии мардум аст.

Дар Паём барои тарбияи наслҳои оянда, ки ҳамеша зери таваҷҷуҳи Пешвои муаззами миллат қарор дорад, таъкид гардид, ки «Илми тоҷик инкишоф ёфтанаш даркор. Олимони ҷавонро тарбия кунед. Ҳамаи озмунҳоеро, ки ман ташкил кардам, ҳадафаш ҳамин аст. Гулчин кунед, гиред, тарбия кунед. Фақат як коғаз надиҳем. Ақл диҳем, дониш диҳем, касбу ҳунар диҳем». Ғамхории беназир нисбати ояндаи ҳар як ҷавон дар Паём бо таъкиди ин суханҳо зоҳир карда шуд. Воқеан, дар ин самт ҳама якҷоя гӯш ба таъкидҳои Пешвои миллат дода амал намоем, дар оянда ягон ҷавони мамлакат аз бекорӣ азият намекашад. Ҳамаҷониба Паём фарогири масъалаҳои вобаста ба тарбияи наслҳои оянда, барои зиндагии хуб доштани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Пешвои миллат бо чунин андеша «Дар оилае, ки савод набошад, чӣ гуна фарзандон таълиму тарбия мегиранд. Бояд падару модарон дар ҳаққи фарзандон зомин нашаванд ва ояндаи онҳоро фикр кунанд», «Донишмандони ихтироъкор ва олимони ҷавонро тарбия кунем!» роҳи ҳалли муҳимтарин мушкилотро дар тарбияи наслҳои оянда нишон доданд, ки аз волидайн бисёр вобаста аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди саноат бо суръати назаррас идома дорад, кадрҳои баландихтисос муҳим аст. Дар Паём вобаста ба ин масъала чунин рақамҳои ҷолиби таваҷҷуҳ ироа гардид: Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Дар 75 соли гузашта, яъне аз замони шуравӣ дар кишвар ҳамагӣ 338 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ таъсис ёфтааст». Талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат пеш аз ҳама, барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ аст. «Ба Ҳукумати мамлакат дастур дода мешавад, ки барои 10 фоиз паст намудани сатҳи камбизоатӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад».

Ҳамеша ба соҳаҳои муҳимми мамлакат, ҷиҳати пешрафти онҳо маблағҳои зиёд ҷудо мегардад, ки дар Паём иброз дошта шуд. «136 миллион доллар барои азнавсозӣ намудани сарбанди НОБ-и Сарбанд сарф шудааст.

Дар соли 2023 ба соҳаи тандурустӣ 3,3 млрд сомонӣ ҷудо карда шудааст».

Пешвои муаззами миллат баҳри пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон сидқан талош менамоянд. Дар Паём бо боварии комил қайд карда шуд, ки «Дар самти инкишофи неруи сабз соли 2037 Тоҷикистон воқеан ба кишвари сабз табдил меёбад». Ин самт дар рушди Тоҷикистон нақши муассир дорад ва мавриди таваҷҷуҳи Пешвои миллат аст.

Президенти мамлакат доир ба саҳмгузор будани шаҳрвандони бонангу номуси мо борҳо ибрози андеша намуда, аз заҳматҳои соҳибкорон ёдовар гардиданд: «Дар соли 2023 аз ҷониби соҳибкорон 75 иншооти сарҳадӣ дар сарҳад бо Ҷумҳурии Афғонистон бунёд карда шуд».

Муҳимтарин таъкиди Пешвои миллати оқилу донишманди мо мардуми Тоҷикистон доир ба фарҳанги шаҳрнишинӣ ва пос доштани фарҳангу арзишҳои миллӣ ва муқаддас донистани Ватан аст, ки ҳар инсони оқилу бовиҷдон бояд ба ин гуфтаҳо амал намояд. Пешвои миллат иброз доштанд, ки «Дар куҷое, ки набошед, ба Тоҷикистони азизи худ хиёнат накунед!».

Маврид ба зикр аст, мамлакате, ки дар он суботу ваҳдат ва осудагии мардум кафолат дода шудааст, танҳо инсони бехираду роҳгум даст ба хиёнат мезанад. Бо чунин ғамхориҳои давлату сарвари дурандеш танҳо шукрона бояд кард, ки чунин давлати биҳиштосо ва сарвари ғамхору меҳрубон дорем.

Албатта, Паёми Пешвои миллат ҳуҷҷати муҳимму серпаҳлу ва фарогири масъалаҳои зиёду мубрам аст, ки як мақола наметавонад фарогири шарҳи ҳамаи он бошад. Аз ин рӯ, ҳар нафари мо бояд Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун китоби болои мизии худ қарор дода, ҳамарӯза чун барномаи ҳаётан муҳим аз рӯи он кору фаъолият ва зиндагӣ намоем.

**АБДУМУМИНЗОДА Ситора,**
**номзади илмҳои педагогӣ,**
**муовини ректори ДТТ**
**оид ба тарбия**

# МАОРИФ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТА ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМ

Президенти маҳбуби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ аз нигоҳи илмӣ ба таври дақиқ ва асоснок мақсаду маром ва тарзи амалигардонии нақшаҳои кори ниҳодҳои давлатиро ба миён гузоштанд.

Боиси қаноатмандист, ки Паём роҳҳои таъмини рушди устувори иқтисодии мамлакатро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, шароити амалӣ кардани онҳоро аз лиҳози мантиқӣ бо истинод ба усул ва роҳкорҳои таҷрибии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ кардаанд.

Лозим ба таъкид аст, ки роҳ ва василаҳои таъмини рушди рӯзафзуни ҷумҳурӣ баъди ба даст омадани истиқлоли давлатӣ аз ҷиҳати назариявӣ, бидуни шакку шубҳа, маҳсули хиради оянлабини Пешвои муаззами миллат аст.

Дар Паём роҳбари давлат қайд карданд, ки соли сипаришуда, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд. Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд.

Нуктаи муҳимми боварибахш дар Паёми Сарвари давлат асоснок кардани нақшаҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, таъкид шуд, ки дар натиҷаи амалӣ кардани вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат пешбинишуда рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар солҳои минбаъда ҳадди ақал бояд дар сатҳи 8 фоиз баланд бардошта шавад.

Мавриди омӯзиш ва андеша қарор додани суръати афзоиши аҳолии кишвар, таъмини ниёзҳои мардум, дар баробари ин, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва рушди таъминии иҷтимоии мамлакат аз мавзуъҳои рӯзмарраи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуд.

Ба воқеият табдил ёфтани нақшаҳои бузурге, ки Пешвои миллат дар бораи онҳо ҳарф заданд, бешубҳа, метавонад сатҳ ва сифати зиндагии мардуми Тоҷикистонро бакуллӣ тағйир диҳад ва обрӯи давлати моро дар сатҳи минтақаву ҷаҳон баланд бардорад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигаре, ки дар Паём ба он ишора шуд, ин давра ба давра беҳтар кардани вазъи зиндагии мардум ва батадриҷ бароварда кардани ниёзҳои аҳли ҷомеа, рушди соҳаҳои саноату хоҷагии қишлоқ тавассути афзудани истеҳсоли молу маводи ватанӣ, ҳамчунин кам кардани ҳаҷми воридот буд. Яъне чун ҳамеша, меҳвари асосии Паёми навбатӣ – давра ба давра боло бурдани сатҳи некӯаҳволии мардум дониста шуд.

Дар шароите, ки талаботи аҳолӣ сол ба сол ба неруи барқ меафзояд, қонеъ кардани ин навъ талабот барномарезиҳои мушаххаси давлатиро тақозо менамояд. Хушбахтона, сохтмон, тармиму таҷдид ва навсозии неругоҳҳои барқи обӣ боиси бо қувваи барқи ватанӣ таъмин гардидани аҳолии мамлакат гардидааст. Ҳамчунин, дар масъалаи таъмин кардани корхонаҳои саноатӣ бо неруи барқ мушкил ҷой надорад. Аммо мушкили асосӣ талафоти неруи барқ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мебошад.

Президенти кишвар масъалаи стратегии расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ дар даврони соҳибистиқлолро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд карданд, ки дар ин давра аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар ин давра танҳо барои азнавсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, неругоҳи барқи обии «Сарбанд» пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд карда шуд.



Пешвои миллат ба масъалаи саноатикунонии мамлакат низ эътибори махсус доданд. Таъмини рушди устувори иқтисодӣ, аз ҷумла сохтани корхонаҳои саноатӣ, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, бунёди шароити беҳтари инфрасохторӣ дар ин соҳаҳо аз вазифаҳои муҳимми давлатӣ дониста шуд.

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки бо дарназардошти аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, мо солҳои 2022 – 2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудем ва ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд.Танҳо дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда 2,4 баробар зиёд гардидааст.Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд доранд.

Президенти мамлакат рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии онро бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон ҳисобида, қайд намуданд, ки вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад. Дар набвати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат илму маорифро пойдевори низоми давлатдории дунявӣ хонданд. Ба ин далел, тазаккур доданд, ки давлат ва миллат бидуни илму маориф ҳеҷ аст ва ҳузури фаъоли маорифчиёну зиёиён, ки муаррифгари давлат ва миллатанд, дар умури сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ амри бебаҳс аст. Бахусус аз вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар ҷунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Пешвои миллат таъкид намуданд, агар соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 600 ҳазор нафар расидааст ва тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад. Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад.

Дар идома ба таври муқоиса зикр гардид, ки агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст. Дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ва бинохои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло ҳам кам аст. Зеро ҳанӯз 73 ҳазор хонанда бе ҷойи нишаст мемонад.

Сарвари мамлакат таъкид намуданд, ки Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад.Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Дар ин замина таъкид карда шуд, бояд рушди иқтидори илмии муассисаҳои зикршуда, дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ анҷом додани таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва дар раддабандии ҷаҳониву минтақавӣ мавкеи шоиста ишғол намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъмин карда шавад. Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд. Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» "Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро таҳия намояд.

Ҳамчунин раҳбарияти маорифи кишварро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардорад. Ҷалби наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеию илмӣ ва таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои табиию риёзӣ, ки аз мушаххасоти давр ва ҷаҳони муосир аст, таъмин намоянд.

Сарвари давлат зимни ироаи Паём масъалаи манофеи миллиро ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯзҳои нахустини давлатдории тоҷикӣ ҳадафи меҳварӣ маҳсуб меёфт, ба самъи ҳозирин расонида, дар ин замина, таъкид дошт, ки давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон тамоми саъю талошро баҳри ба сатҳи кишварҳои мутамаддини ҷаҳонӣ расонидани ҷумҳурӣ анҷом медиҳад ва дар ин кор саҳми мардуми шарифи Тоҷикистон бисёр бузург хоҳад буд.

Ба ин тартиб, Сарвари давлат ҳадафи стратегии давлатро дар Паёми навбатӣ мисли солҳои қаблӣ дар таъмин намудани шароити арзандаи зиндагӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карданд. Бо дарназардошти ин ва бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод намуданд ки:

– аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи мукарраршудаашон индексатсия, яъне зиёд карда шаванд.

– аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд;

– инчунин, аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад;

Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Маврид ба зикр аст, ки тақвияти сармояи инсонӣ, даст ёфтан ба нишондодҳои зарурии макро ва микроиқтисодӣ, таъмини амнияти давлатӣ ва миллӣ, рушди бемайлони илму маорифи ватанӣ, пайвастан ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ, дарёфти истеъдодҳои нодири миллӣ дар бахшҳои гуногуни илму маориф, бавижа, дар илмҳои табиӣ-риёзӣ ва амсоли инҳо самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тариқ, дар Паём самтҳои ҳаётан муҳимми рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат мавриди таҳлилу арзёбии коршиносона қарор гирифт. Аз инҷост, ки Паёми Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дурнамои рушди давлатдории мост ва дар он нақшаҳои муҳимтарини сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқу аниқ муайян шудаанд. Шоиставу боиста аст, ки ин ҳуҷҷати раҳнамо ва тақдирсоз, ки бар мабнои тозатарин нишондодҳои илмию ихтисосӣ таҳияву коркард шудааст, ба унвони мадраки муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва маданӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиши коршиносон ва ниҳодҳои илмиву пажӯҳишии кишвар қарор бигирад.

**Исомиддин Шарифзода,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ**

# ВАСФ, ЭЪТИМОДУ БОВАРӢ БА ЗАН - МОДАР ДАР ПАЁМ

**Бонувони тоҷик, ки дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо ҳидоятҳо ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд, дар Паёми навбатии Сарвари давлат мавриди ситоиши падарона қарор дода шуд. Ҳар Паёми Пешвои миллат муждаи неку паёме аз комёбиҳои нотакрор барои бонувону модарони мамлакат мебошад.**

Пеш аз ҳама ситоиши фариштаи хонадон - модар бо тамоми меҳру муҳаббати бепоён аз қалби софу беғубори сарвари хирадманди тоҷик мухтарам Эмомалӣ Раҳмон садо дод, ки аз шунидани чунин суханҳо ба қалби ҳар яки мо нуру зиё бахшид. Президенти мамлакат қайд намуданд, ки: «нагӯед, ки модар надорем, ҳамаи модарони тоҷик модари мо ҳастанд». Дар ҳақиқат модари тоҷик аз азал бо меҳру муҳаббати бепоёни худ оламгир аст. Хусусияти модарони тоҷик дар таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои муаззами миллат ҳамеша қарор дорад, ки дар тамоми суханрониҳояшон ёдовар мешаванд.

Дар сиёсати хирадмандонаи худ Пешвои миллат баҳри устувор гардидани мавкеи бонувон дар Тоҷикистон заҳмат мекашанд, ки мо бонувони тоҷик инро ҳар лаҳза эҳсос мекунем. Суханони зерини Президенти кишвар дар Паём: «Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем» далели гуфтаҳои болост. Зани тоҷикро имрӯз ҳамчун зани кордону оқила дар арсаи байналмилалӣ мешиносанд, ки ин мавкеъ аз ғамхориҳои Пешвои миллат мебошад. Сарвари давлат заҳмати бонувонро ҳамеша қадр намуда, дар Паём аз талошҳои онҳо чунин ёдовар гардиданд, ки бонси ифтихори мо бонувон аст:

-»Имрӯз занону бонувони тоҷик ба хотири рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат карда истодаанд»;

-»Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла дар хориҷи кишвар ҳазорхо нафар духтарони боистеъдоди мо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд»;

-»Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд»;

-»Танҳо дар даҳ соли охир 11 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд»;

-»Аз 3 ҳазору 300 нафар ҷавононе, ки соли ҷорӣ танҳо тавассути Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илм ба хориҷи кишвар барои таҳсил рафтаанд, 30 фоизашон духтарон мебошанд.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд;

-»Имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби эътибору обрӯ гардидаанд»;

-»Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст»;

-»Мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем.

Бовар дорам, ки занон ва модарону бонувону духтарони арҷманди мо минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд».

Ҳамаи ин нуктаҳои дар Паёми Президенти маҳбуби кишвар ироагардида далели таваҷҷуҳ ба фаъолияти бонувон ва қадрдонии заҳматхои онҳо аз ҷониби Сарвари давлат аст, ки дар фаъолияти минбаъдаи ҳар як зан неруву тавоноӣ мебахшад. Занону модарони тоҷик аз ҳарвакта дида баъд аз суханони тиллоии Пешвои миллат, ки нисбат ба зан - модари тоҷик садо дод бештар заҳмат мекашанд.

Ҷавобан ба ғамхориҳои Президенти кишвар софдилона фаъолият намудан ва дар пешрафти Тоҷикистони азиз саҳмгузор буданро вазифаи ҷонии ҳар бонуи тоҷик меҳисобем. Барои пешрафти занон дар сиёсати оқилонаю дурандешонаи Пешвои миллат имкониятҳои беназир фароҳам оварда шудааст, ки аз мо бонувон танҳо меҳнати софдилонаро талаб мекунад. Пеш аз ҳама, нақши худро мо бонувони тоҷик дар тарбияи наслҳои ватандӯсту худшинос набояд фаромӯш намоем. Саъй намоем дар тарбияи ҷавонони ватандӯсту хештаншинос ва содиқ ба хоки муқаддаси Ватан саҳмгузор бошем.

Президенти мамлакат дар Паём минбаъд низ идома ёфтани ғамхориҳои сарвари давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба бонувонро самимона таъкид намуданд: Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад.

Мо - бонувони мамлакат ҳеҷ гоҳ чунин таваҷҷуҳи беназирро бояд фаромӯш насозем ва шукргузор бошем. Чунин таваҷҷуҳу ғамхории бепоён нисбати зан - модар дар бисёр мамлакатҳои дунё дида намешавад. Бахти баланди мо бонувони тоҷик аст, ки чунин сарвари ғамхор ва мамлакати орому тинҷ дорем.

**ШОҲЗОДА Назира,**
**мудири бахши кор**
**бо занон ва духтарони**
**Донишгоҳи технологии**
**Тоҷикистон**

# РАМЗГУЗОРИИ КИТОБҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ БО МАҚСАДИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ МУАЛЛИФ

Вақте ки дар бораи муаллиф ҳарф мезанем бояд фаромӯш насозем, ки ҳар як асар ва ихтироъте, ки рӯи кор меояд аз эҷодкор чи қадар заҳмату машаққати зиёдро талаб менамояд. Асар як умр моли бевоситаи эҷодкор ҳисобида мешавад ва ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад онро бе иҷозати муаллиф аз номи худ муаррифӣ ва ё пахн намояд. Илова бар ин, муаллиф метавонад як ва ё якчанд шахс бошад: шахси мушаххас ё гурӯҳи одамон (ҳаммуаллифон).

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар кишвари мо аз соли 1998 инҷониб Қонун дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он амал мекунад, ки риояи ҳуқуқҳои муаллиф ва ухдадориҳои истифодабарандагони тамоми намуди асарро танзим менамояд.

Вобаста ба ин, мехоҳам оид ба риояи ҳуқуқҳои муаллиф дар раванди рақамигардонии асарҳои чопӣ ва бароҳмонии истифодаи ройгони маводҳои электронӣ дар китобхонаҳо тариқи сомонаҳои иҷтимоӣ якчанд нуктаи муҳимро қайд намоям. Бо дарназардошти рушди босуръати технологияи иттилоотӣ ва истифодаи фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ дар саросари олам, ҷомеа аз шакли электронии асарҳои илмию бадеӣ ва ахбороту иттилоот ба таври васеъ истифода мебарад.

Китобхона, ки муассисаи маданӣ-маърифатӣ ва илмӣ-ёрирасон мебошад, функсияи оммавигардонии мутолиа ва паҳнкунии асарҳои чопӣ ва маводҳои электрониро дар худ таҷассум менамояд. Аз ин лиҳоз, мутахассисони соҳаи китобдорӣ бояд дар рафти хизматрасонии анъанавию электронӣ ва рақамикунонии китобхонаҳо, бештар ба риояи ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.



Китобхонаҳо ҷиҳати ба талаботи ҷомеи имрӯза мутобиқ гардонидани фаъолияти худ ва ба роҳ мондани хизматрасониҳои инноватсионӣ ва фаъолияти автоматизатсионӣ дар ҳайати худ шуъбаи рақамигардонии асарҳои чопӣ ва китобхонаҳои электрониро созмон дода дар он истифодаи нусхаҳои электронии асарҳои илмию бадеиро ба роҳ мондаанд. Чунки китобхонаҳои электронӣ ва саҳифаҳои нигоҳдорандаи иттилооти электронӣ метавонанд, дархостҳои истифодабарандагонро ба шакли автоматӣ иҷро намуда адабиёти заруриро ба дилхоҳ ҷой дар кӯтоҳтарин муддат ирсол намоянд.

Истифодаи нусхаи электронии адабиёт ба истифодабаранда имконияти бештар ҷиҳати омодасозии мақола, маъруза, реферат, кори илмӣ, китоб ва ғайраҳо фароҳам меоварад, ки ин ба риоя нагардидани ҳуқуқҳои муаллиф оварда мерасонад.

Китобҳои электронӣ аз тарафи китобхонаҳо ва ё муаллифон аксаран дар шакли (формат) PDF(Portable Document Format), DOC (document) дар сомонаҳо пахн карда мешаванд. Истифодабарандагоне, ки фаҳмиши хуби технологияи иттилоотиро доранд, метавонанд аз китобҳо ба воситаи технологияҳо ва баъзе барномаҳои компютер бе мамоният нусхабардорӣ кунанд, ки ин ҳам, ба риоя нагардидан ва ё поймол гардидани ҳуқуқҳои муаллиф оварда мерасонад. Ҷиҳати таъмини бехатарӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муаллиф ва риоя гардидани он аз тарафи истифодабарандагон, дар китобхонаҳо ба пурраги истифода бурда тавонистани мутахассисон аз барномаҳои зерин: Adobe Acrobat Pro, WidsMob PDFEditor, Microsoft Word, ки тариқи онҳо ба маводҳои электронӣ ва нусхаи электронии китобҳои чопӣ рамзгузорӣ карда мешавад, бисёр зарур аст. Бояд гуфт, ки барномаҳои мазкур имконияти бехатарии риояи ҳуқуқҳои муаллифро доранд. Вақте ки аз тариқи барномаҳои мазкур ба китобҳои электронӣ рамз (код) гузошта мешавад, истифодабарандагон аз он нусхабардорӣ карда наметавонанд, зеро барномаҳо танҳо ба муаллифон ва ё нафароне, ки рамзро медонанд имконияти аз китоб ба пурраги истифодабариро медиҳад.

**Алишер НИЁЗОВ,**
**мудири китобхонаи илмии ДТТ**

# ОДОБИ МУОШИРАТ ВА РАФТОР ДАР СИНФХОНАВУ ДОНИШГОҲ

Донишҷӯ кист? Донишҷӯ касест, ки асосҳои илм, донишҳои иҷтимоию иқтисодӣ, табиӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, экологиро омӯхта, ба ҳаёти мустақилона, барои хизмат ба модару падар, ба ватани азизи худ тайёр мешавад. Толибилм чӣ гуна метавонад бомуваффақият дар донишкадаю донишгоҳ таҳсил кунад? Ба ин савол аз таҷрибаи бисёрасраи рӯзгор бузургон ҷавоб додаанд:

**Толиби илмро адаб бояд,**
**Боадаб саъй дар талаб бояд.**

Яъне, донишҷӯ, аввалан, бояд боадаб бошад. Қонуну қоидаҳои ахлоқи ҳамида, одоби муоширатро риоя кунад, боинтизом бошад, зеро ҳамаи ин восита ва омили муҳимми омӯхтани илму ҳунар аст.

Донишгоҳ ихтирои бузурги хирад ва таҷрибаи тамаддуни инсонӣ дар роҳи таълими илму маърифат ва тарбияи маънавии насли ҷавон мебошад. Донишгоҳ барои омӯзиши илму ҳунар ва парвариши одобу фазилатҳои писандида бағоят мувофиқу мусоид аст. Донишҷӯён дар донишгоҳ тавассути таълиму тарбияи устоди худ бо ҳамсабақон дастаҷамъона таҳсил мекунанд, меомӯзанд, саволу ҷавоб, мубодилаи афкор ва баҳсу мунозира мекунанд. Онҳо аз ҳамдигар ибрат ва сабақ мегиранд, ба якдигар назар карда, кӯшишу ғайрат мекунанд, то ки аз ҳамдигар қафо намонанд. Дар ин раванд байни онҳо эҳсосу риштаҳои бародарӣ, рафоқату дӯстӣ пайдо мегарданд. Яке ба дигаре дар омӯзишу дарки мавзуъҳо ёрӣ мерасонад, якҷоя ба варзишу тарбияи бадан машғул мешаванд, ки барои аз бар кардани илму ҳунар мусоидат мекунанд. Ин ҳама боиси инкишофи нутқ, тафаккур, такмили дониш, афзудани услубу одоб, худшиносӣ ва муошарати писандида мешавад. Дар донишгоҳ мақоми бузург ва нақши марказиро устод, муаллим ишғол мекунад. Омӯзгорӣ аз касбҳои қадим ва ниҳоят муътабар аст. Тавре ки Президенти маҳбуби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд "Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби руйи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон, маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон аст".

Ё худ дар таълимоти ҷавонмардӣ роҷеъ ба мақоми баланди муаллим чунин омадааст: «Бидон ки хеҷ коре бе устод муяссар намешавад ва ҳар ки бе устод коре кунад, бебунёд бошад:

**Ҳар киро устод набвад,**
**кор бар бунёд нест,**
**Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар**
**аз устод нест.**

Дар ин таълимот устодро барҳақ ба баҳру иқсир низ монанд кардаанд, ки қатраро ба гавҳар ва мисро ба зар табдил медиҳад:

**Қатра ба баҳр ояду гавҳар шавад,**
**Мис чу ба иқсир расад зар шавад.**

Адиб ва мутафаккири асри XV Камолиддини Биноӣ мартабаи баланди устодро зикр карда, ҳуқуқи ӯро аз волидон боло гузоштааст. Ин шахсияти бузург мефармояд, ки агар падару модар фарзандро ҷисман офаранд, муаллим тавассути таълиму тарбия ӯро ба камоли маънавӣ расонида, умри ҷовидонӣ мебахшад:

**Қадри устод аз падар беш аст,**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**
**Гар падар аз ҳаёт бахра диҳад,**
**Устод аз наҷот бахра диҳад.**

Дар китобҳо хамчунин, зикр шудааст, ки мартабаи муаллим аз олим низ боло меистад. Зеро устод ба шогирдон, ғайр аз он, ки илму ҳикматро эҳдо мекунад, ҳидояткунандаи хайру салоҳ, парварандаи фазилатҳои маънавии воло, одамият низ мебошад, ки онҳо дар маҷмӯъ бунёду ҷавҳари одамиро ташкил медиҳанд.

Ахлоқи миллиамон - ҷавонмардӣ барои толибилмон, аз ҷумла, ҳашт қоидаи зерини шогирдиро таъйин кардааст:

- аввалан, чун устодро дид, дар ибтидо салом кардан;
- дуюм, дар пеши устод кам сухан гуфтан;
- сеюм, сар дар пеш андохтан;
- чаҳорум, ба ҳар тараф бисёр нанигаристан;
- панҷум, агар саволе дошта бошад, аввал иҷозат талабидан;
- шашум, чун ҷавоб гӯяд, эътироз накардан;
- ҳафтум, дар пеши устод бо касе сухани саргӯшӣ накардан;
- ҳаштум, бо ҳурмати тамом нишасту бархост кардан.

Барои донишҷӯ остонаву дару девори донишкада ё донишгоҳ, синфхона, ашёи он, ҳамсабақону муаллимон, кормандони таълимгоҳ ба мисли хонаву аҳли хонавода азизу гиромӣ аст. Тозаву озодагӣ ва зебоии синфхонаву донишгоҳ, муҳити солими маънавии таълимгоҳ ба тартибу интизом ва услубу одоби донишҷӯён вобаста аст. Бинобар ин, онҳо қоидаҳои дохилидонишгоҳӣ, шартҳои одоби муоширатро бояд риоя кунанд. Дар донишкада ва ё донишгоҳ, ки боргоҳи илму адаб аст, дар дохили бино, синфхона бояд оромии мутлақ, услубу одоби намунавӣ риоя гардад, зеро таҳсилу таълим, тарбия танҳо дар шароити оромӣ, муҳити солим метавонад сурат бигирад ва муваффақияти бештар биорад. Дар синф, дохили бино бо овози баланд сухан кардан, давидану шӯхӣ ва мағал кардан нишонаи беодобии шахс аст.

Ба мисли он ки донишҷӯён хамдигарро чун хоҳару бародар ҳурмат мекунанд, нисбат ба тамоми аҳли донишгоҳ чунин муносибатро бояд риоя кард. Хусусан, бо донишҷӯёни соли аввали таҳсил мушфиқу меҳрубон мебояд буд. Чун ба саволе ё илтимосе муроҷиат кунанд, ба онҳо бо таваҷҷуҳи махсус ҷавоб бояд дод ва дасти ёрӣ дароз кард.

Баъзан чунин ҳолат ба назар мерасад, ки донишҷӯёни курсҳои боло нисбат ба донишҷӯёни курси поён, ё писарон ба духтарон беҳурматӣ зоҳир мекунанд, онҳоро озор медиҳанд. Ҳамаи ин аз рӯйи одати миллӣ ва ахлоқи ҷавонмардӣ нест. Тибқи ахлоқи ҷавонмардӣ нисбат ба хурдсолон мушфиқ, ба калонсолону духтарон баҳурмат бояд буд.

Донишгоҳ ба мисоли як оилаи бузург аст. Ҳамаи аҳли донишгоҳро бояд эҳтиром кард. Чун ба таълимгоҳ меоем, сарфи назар аз ин ки вай кист, хоҳ сарвари донишгоҳ, хоҳ муаллим, хоҳ посбон, хоҳ фаррош, хоҳ хоҷагидор, хоҳ донишҷӯи курси болоӣ ва ғайра ба онҳо аввал шуда салом бояд гуфт. Чеҳра бояд кушода ва шукуфон бошад, қатъи назар аз он ки баъзан табъамон нохуш, аз касе ранҷида ҳастем.

Донишҷӯ баробари он ки дар синф бо муаллим ва ҳамсабақон муошарати писандида дорад, дар муносибат ба тамоми аҳли донишгоҳ низ чунин рафтори намунавиро бояд риоя кунад. Хусусан, дар даҳлези донишгоҳ ҳангоми зангҳои даромад ва баромад, ки анбуҳи донишҷӯён равуо мекунанд. Одатан дар ҷойҳои серодам риояи услубу одоб боз зарууртар мебошад.

Дар даҳлези донишгоҳ қоидаҳои зерини муоширатро бояд риоя кард:

- аввалан, аз тарафи рости даҳлез бояд роҳ рафт;
- ба атрофиён мутаваҷҷеҳ ва бодиққат будан зарур аст;
- давидан ва тез роҳ гаштан норавост;
- чун муаллим, сарварони донишгоҳ ё калонсолон дучор оянд, худро як сӯ гирифта, салом бояд дод;
- касеро бо китф задан, пояшро зер кардан ё фишор овардан нашояд, агар тасодуфан чунин ҳодиса руй диҳад, албатта, бояд бахшиш пурсид;
- дар даҳлез об нӯшидан, ё хӯришеро тановул кардан аз рӯйи одоб нест;
- баланд гап задан ё шӯхӣ кардан раво нест;
- касеро бо овози баланд ҷеғ задан нашояд;
- ба чапу рост бе зарурат набояд нигарист;
- баланд хандидан, мағал кардан норавост.

Одоби аз зинапояҳо (лестница)-и бинои таълимӣ фаромадан ва баромаданро низ дар донишгоҳ ҳар як толибилм бояд бидонад ва риоя кунад, ки аз ҷумла инҳо мебошанд:

- аввалан, ҳангоми ба зинапоя баромадан ва фуромадан набояд саросема шуд;
- аз касе пеш гузаштан, хусусан, аз муаллим ё калонсолон хуб нест, вале ҳангоми зарурат иҷозат пурсида, баъд метавон пеш гузашт;
- хусусан, нисбат ба донишҷӯе, ки норасоии ҷисмонӣ дорад, албатта, таваҷҷуҳ ва мададгорӣ бояд кард.

Ҳамчунин, дар хотир бояд нигаҳ дошт, ки дар ҳар як донишгоҳ оиннома қабул шудааст, ки риоя кардан ва мутобиқи он амал намудан аз ҳар як корманд, муаллим ва донишҷӯ талаб карда мешавад. Дар чунин қоидаҳо одоби муносибат ба ашёи донишгоҳ ва гирду атрофи он низ ифода меёбад. Аз ин рӯ, донишҷӯён вазифадоранд, ки ба амволи донишгоҳ боэҳтиёт муносибат кунанд ва қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаро иҷро кунанд. Ба ин мақсад донишҷӯён бояд:

-тозагиро дар донишгоҳ ва саҳни он риоя кунанд;

-бинои донишгоҳ, таҷҳизот ва амволро эҳтиёт намоянд;

-қувваи барқ ва обро сарфакорона истифода кунанд;

-тозагӣ ва тартибро дар ошхона, ҷойи либоскашӣ ва ҳоҷатхона риоя кунанд;

-ба саломатии худ ва саломатии атрофиён таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоянд.

Аз хотир набаоред, ки ба донишҷӯён дар донишгоҳ мамнуъ аст:
- истифода бурдани ҳар гуна моддаҳое, ки боиси таркиш ва сӯхтор мегарданд;
- анҷом додани ҳар гуна амалҳое, ки боиси хатар барои атрофиён ва ҳаёту саломатии худ мешавад.

Ҳамин тариқ, донишгоҳ ё донишкада, ки боргоҳи илму адаб ва ҳунару зебоист, дар баробари омӯхтани илму ахлоқ риояи қоидаҳои одоби муошират, қадршиносиву эҳтироми муаллимон - шахсиятҳои воломақом ва муътабари ҷомеа ва тамоми аҳли донишгоҳ, эҳтиёт кардани ашёи хониш барои ҳар як донишҷӯи боадаб воҷибу зарур мебошад.

**С. БЕГМУРОДОВ,**
**мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг**

## Я - УЧИТЕЛЬ

**Кем суждено нам стать**
**Решает Бог на небесах.**
**И вот однажды, судьбе под стать,**
**Учить детей, не на шутку, я взялась.**

**Кто Я? Я — личность. Женщина. Учитель.**
**Моя профессия - учить детей**
**Мой статус по жизни: Учитель воспитатель и мамуля,**
**Подруга, соседка и, конечно же, бабуля.**
**И много можно о себе ещё сказать,**
**Но буду краткой я…**

**Мне школа подарила много знаний,**
**Учителя примером были для меня.**
**И одноклассники мои, тогда все знали,**
**Что педагогом, через время, стану я.**

**Был университет, были пары,**
**Доклады, зачёты, рефераты.**
**И к семинарам готовилась всегда.**
**На практику ходила в школу я,**
**И радостно меня встречала детвора.**

**И вот, теперь, зовут меня Учитель,**
**И звание это гордо я ношу.**
**Учу, воспитываю, люблю.**
**Своих учеников учу,**
**Воспитываю и очень люблю.**

**Теперь, я — Учитель. Я - педагог**
**Отвечаю на детские вопросы.**
**Ох, как же, бывает сложно.**
**Ответить легко и кратко.**

**Бывает вопросов налёты,**
**И краткие забавные ответы.**
**Доверчивые детские секреты.**
**Наблюдаю я и ссоры, и обиды меж собой,**
**И даже слёзы, вижу я порой.**

**Всегда ищу я нужное решение**
**Помочь ребятам исправить положение.**
**Ребята могут многое понять,**
**По-своему осмыслить, рассказать.**
**Бывает, делают ошибки,**
**Но я, стараюсь, их не осуждать.**
**Я помогаю смело им по жизни прошагать.**
**Наградою мне служит детский смех,**
**Открытая улыбка на устах.**



**Мне очень важно их стремление, их успех,**
**В долгой жизни у них - у всех.**

**Профессия моя мне дарит роли,**
**То Петя я, то девчонка Оля.**
**И Стрекозой была, Лисицей тоже,**
**И даже Муравьём недавно стала я.**

**Посещаю открытие уроки,**
**Методсоветы, совещания, педсоветы.**
**С коллегами обмениваюсь опытом работы**
**Программы изучаю, разрабатываю проекты.**

**Летят года и дети подрастают,**
**Уходят в старший класс, нас покидая.**
**Заходят, навещают, иногда.**
**Меня не забывают. Я рада. Да.**

**Родительские собрания, беседы провожу.**
**И отвечаю на насущные вопросы.**
**И так проходят дни, в делах, в заботах.**
**Такая вот нелёгкая учителя работа.**

**Камчинова Анжела Джабировна,**
**учитель начальных классов**
**инновационного лицея «Душанбе»**

# СКАНВОРД



Нопок, ифлос, Чиркин
Ҳам фойтун, ҳам мошини бонуфуз
Рассом, муаллифи "Кабӯтари сулҳ"
Дарё дар ҷануби Ҳиндустон
Пойтахти давлат дар Африқо
Шароити мувофиқ, илоҷ.
... Долина, овозхони рус.
Таваллудшавӣ, зоидашавӣ
Конструктори яроқи рус.
Истироҳатгоҳ дар Украина
Ҳамоҳангии садоҳои мусиқӣ
"... қимат арзат он ду чашм" (Рудакӣ)
Ноҳия дар Ҷумҳурӣ
Қурбон
Адам ва ...
Моҳи дӯйуми соли ҳамкории ҳиҷрӣ
Нависандаи тоҷик
Некбахт, хуштолеъ
Асосгузори ансамбли "Лола"
Велосипед.
Хорпушт ба арабӣ
Пойтахти Доғистон
Моҳии "хатарнок"-и баҳрӣ, барқмоҳӣ
Ҳам газ, ҳам моҳӣ.
Пойтахти иёлати Ҷорҷияи ИМА
Дарё дар Русия.
Арғамчини маймунҳо
Шамс, хуршед
"... – улвақоеъ"-и Ҷомӣ
Пойтахти Лаҳистон (Поланд).
Маркази вилоят дар Украина
Бародари калонӣ, ака
Дарранда.
Ислом ..., президенти Ӯзбекистон
Ашёи ошхона.
Қисми пой.
Қувваҳои пешгард
Аз дарвоза хурдтар.
Шаҳр дар ИМА
Номи собиқи Санкт-Петербург
Димоға, нуқтаи шимолтарини Австралия
Зани саводи арабидошта
Миёнбанд
... Муҳаммадҷонов, актёр
Дарё дар Шветсария
Деҳқони Спарта
Дарёи Панҷ + Вахш = кадом дарё.
Қатраи оби чашм.
Ҳамсари Буш
Хоҳари падар
Тамғаи сигор
... Орлова (овозхон)
Маркази вилоят дар Русия
Одами бедониш, ҷоҳил.
Ҳодисаи табиат.
Йошкар - ... , шаҳр дар Русия.
Нон аз рӯи гуфти раштиҳо
... Тзе Дун
Дур кардан.
Шаҳр дар Югославия
Биёбон дар Муғулистон
Маймунчаи Аладдин
Мадҳия (русӣ)
Лаҳни мусиқӣ
Ибтидои даҳр
Холи сиёҳи модарзод.
Мерос
Сабз, зард
Ранги зарди табиӣ (русӣ)
Ашёи хоми сигор
Филми инқилобии Д. Худоназар.
Нав, ҷадид
Фарроши духтур
Падруд, хайрухуш
Нишонаи оташу сӯхтор
Молу мулк
Моҳи толеънома
Пойтахти Шветсария
Инъом ва некии боиллату истеҳзо
Зеб, зинат.
Яқин, ошкор.
Асоси ахлоқ
Як навъ нӯшокии аз хлеб.
... Мореа (актёр)
Ҳамду ...
Пойтахти Гурҷистон
Иттиҳоди қувваҳои ҳарбӣ
Шакл яку маъно дигар
Коргардони машҳури рус
Асбоби дуредгарӣ
Пойафзол
Номи сураи Қуръони маҷид
Санги тарозу
Блоки муқтадир
Навишта, эҷодшуда.
Ноҳия дар вилояти Хатлон
Набераи Сомонхудот
Ҳаракат дар об
Доду фиғон
Тамғаи шоколади
Воҳиди пули Лаос
Онҳо, вайҳо
Як навъи фортепиано.
Ҳамсари Горбачёв
... Нютон, физики англис
Оромӣ, осоиш
Дарёи бузург дар Африқо
Шутурмурғ



# ҶИОТИ АМҶИ - ЗАНИ ХУРДТАРИНИ ҶАҲОН

**Ҷиоти Амҷии 28-сола тули 12 сол мешавад, ки унвони зани хурдтарини ҷаҳонро байни занон соҳиб гаштааст. Ба наздикӣ дар аккаунти Китоби рекордҳои Гиннес дар инстаграмм видеое нашр шудааст, ки аз рӯи гуфти он қади бону 61,95 сантиметрро ташкил медиҳад. Қомати пакана хонуми ҳиндустониро машҳури ҷаҳон гардондааст, айни ҳол ӯ аз шуҳраташ лаззат бурда, орзуҳои худро амалӣ месозад.**

Ҷиоти 16 декабри соли 1993 дар шаҳри Нагпури Ҳиндустони Марказӣ ба дунё омадааст. То 5-солагӣ ба қади ӯ аҳамият намедоданд. Бо мурури замон маълум шуд, ки инкишофи духтарак нодуруст сурат мегирад. Пас аз як қатор санҷишҳо табибон ба кӯдак ташхиси ноумедкунанда - ахондроплазия (бемории генетикие, ки сабзиши қад ва шаклгирии устухонҳоро хароб месозад) гузоштанд.

Аз 4-солагӣ Ҷиоти бо кӯдакони андозаи муқаррарӣ ба мактаб рафт. Барои омӯхтани дониш дар муассисаи таълимӣ ба ӯ мизу курсӣ, ки ба қадаш мувофиқ буд, ҷудо карданд. Бори аввал ин духтарак соли 2009 бо иштирокаш дар яке аз барномаҳои телевизионӣ диққати аҳли оламро ба худ ҷалб намуд. Духтуроне, ки дар ин намоиш ширкат меварзиданд, қади ӯро чен карданд, ки ҳамагӣ 61,95 смро ташкил медод. Ҳамчунин, кормандони тиб исбот намуданд, ки вай хурдтарин наврас дар рӯи олам аст. Он замон Ҷиоти 5,4 кг вазн дошт, ки пас аз таваллуд танҳо чаҳор килограмм зиёд шуда буду халос.

Дар 15-солагӣ ин бонуи шуҳратманд бо некбинии худ нисбат ба муд ва ороиш ҳамаро тасхир намуд. Аз хурдӣ орзуи ҳунарманд шуданро дар дил мепарвариду шуҳраташ барои ба мақсад расидан ёрӣ расонд. Соли 2009 вай тахти суруди ситораи Ҳиндустон Бхангра Мики Сингх дар филми ҳуҷҷатие нақш бозид. Пас аз ду сол, дар 18-солагӣ намояндагони Китоби рекордҳои Гиннес қади ин бонуи хушчеҳраро чен карда, унвони зани хурдтаринро дар олам тасдиқ намуданд.

Амҷии 28-сола то ҳол рекорди ҷаҳониро нигоҳ медорад. Гузашта аз ин, духтар натиҷаи дуюмро низ ноил гардид. Ҳунарпешаи дорои кӯтоҳтарин қад пас аз нақши пакана Ма Пети дар намоиши «Ҳикояҳои даҳшатангези амрикоӣ» шуҳратманд гашт, ки нахустнамоиши он 8-уми октябри соли 2014 доир шуд.

Ҷиоти зоҳиран аз кӯдаки муқаррарии дусола хурдтар метобад. Соли 2010 Амҷи бо Кхагендро Тапа



Магарой аз Непал, ки он замон дар байни мардҳо хурдтарин дар олам ҳисоб меёфт, ошно шуд. Номбурда соли 2020 дар 27-солагӣ аз олам чашм пӯшид.

- Замоне, ки ман одами пакана-тарини дунёро вохӯрдам, худро хеле хушбахт ҳис кардам, –изҳор намуд Ҷиоти.

Ҳини бо хонавода ба сайругашт рафтан, ё аз хона баромадан, вайро мебардоранд, то ки одаму оламро аз баландӣ бубинад. Дар хона ба модараш дар омода намудани ғизо, нӯшокиҳои гарм ва шустани зарфҳо ёрӣ мерасонад. Дастгирии оила барояш неру бахшида, ба зиндагӣ ӯро дилгарм месозад. Пеш аз оне, ки машҳур набуд, мардум ӯро масхара мекарданд, ки аз ин рафтор хеле афсурдахотир мегашт. Вақте ки дастовардҳояш пазируфта шуду машҳури ҷаҳон гардид, дигар ба ақиб нигоҳ накард.

Амҷи дараҷаи бакалаврӣ дошта, магистр дар адабиёти англисӣ аст. Вай, инчунин, дарсҳои маҳорати ҳунармандӣ ва рақс меомӯзад. Гирифтани маълумоти оянда барояш мушкилоти иловагиро ба вуҷуд овард. Дар ошёнаи боло қарор доштани яке аз синфхонаҳо ва набудани ошёнпаймо барояш монеа эҷод менамуд, аз ин рӯ, ба кумаки хоҳараш ниёз дошт.

Соли 2018 зани хурдтарини ҷаҳон ва марди қоматбаландтарини рӯйи олам деҳқони турк Султон Кӯсем, ки қадаш ба 251 см мерасад, дар Миср вохӯрданд.

## МАНЕ: "ҚАҲРАМОН НЕСТАМ, ТАНҲО ИНСОНАМ"

Садио Мане, футболбози сенегалӣ, ки бо амалҳои эҳсонкориаш дар ҷаҳон машҳур аст, зимни як суханронӣ бо футболбозону шахсони муътабар чунин мегӯяд: "Ман дар оилаи камбизоат таваллуд шудаам".



Ҷиҳати харидани пойяфзол барои бозии футбол маблағ надоштем. Вале пас аз солҳо он наврасе, ки пойҳояш зимни футболбозӣ мекафиду захм мебардошт соҳиби ҳама чиз гашт. Аммо як чизи муҳимро фаромӯш намекунам: қаҳрамон нестам, танҳо як футболбози номдор ва, пеш аз ҳама, инсонам. Ҳамеша мегӯям, ки ман аз он сарзамини дури тираам. Ҳар лаҳзае ин ба хотирам мерасад, хоҳиши бештари ба ҳазорон кӯдаконе, ки барои харидани пойяфзоли нав маблағ надоранд, ёрӣ расондан пайдо мешавад".

**НУҶУМШИНОСӢ**

## РАСАДХОНАИ УЛУҒБЕК АЗ РӮИ ЛОИҲАИ АБУМАҲМУДИ ХУҶАНДӢ СОХТА ШУДААСТ.

Расадхонаи Улуғбек дар теппаи Кӯҳаки шаҳри Самарқанд сохта шуда, ҳоло аз мақонҳои тамошобоб ва қобили тавачҷуҳи сайёҳон мебошад. Он яке аз расадхонаҳои асосии асри миёнагӣ (XV) ба шумор рафта, дар асоси тарҳи нуҷумшиноси номвари тоҷик Абумахмуди Хуҷандӣ (930 – 1000) бунёд ёфтааст.

Нақл аст, ки вақте Улуғбек дар бораи сохтани расадхона тасмим мегирад, ба ёрони худ дастур медиҳад, то лоиҳаи нобиғаи тоҷикро ба ӯ дастрас намоянд. Дар натиҷа лоиҳаи Абумахмуд тавассути пайвандонаш ба дасти Улуғбек мерасад ва заминаи эҷод барои сохтани расадхона мегардад.

**Таҳияи Роҳатхони Умед**

**ГАНҶИ ШОЙГОН**

## ЯК ШАФОАТ

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳеҷ гоҳ аз гурӯҳҳое, ки ниёз ба дидору суҳбат ва пандаш доштанд, бо он ҳама хираду дониш, иззату мартаба, дурӣ намекард. Даъваташонро мепазируфт. Агар ҳам ба наздаш меомаданд, бо камоли майлу хоҳиш онҳоро қабул мекард. Муътақид буд, ки авбошу риндони муфсидачӯ ба шайхе, раҳнамое эҳтиёҷ доранд, то онҳоро ба роҳи рост бибарад. Яке аз авбошони румиро ба гуноҳе, ки карда буд, ҳукми қатл доданд ва бояд ба дораш мекашиданд. Он авбошро барои иҷрои ҳукм ба пойи дор оварданд. Бо шарофати Мавлоно ӯ начот ёфт ва роҳи дурустро пазируфт.

**Китобати Абдулқодири Раҳим**

## ХАСИСТАРИН ОДАМИ ДУНЁ



Агар мепиндоред ва ҳам мегӯед, ки хасистарин кас Қориишкамба аст, хато мекунед. Не, ин "унвон" – ро Генриета Хоулэнд расман ба худ касб кардааст. Ному насаби ин бонуи амрикоӣ, ки бо лақаби "Ачузаи Ню – Йорк" машҳур мебошад, ҳамчун хасистарин одами дунё дар Китоби рекордҳои Гиннесс сабт мебошад. Аз ӯ ба ду фарзандаш 4 миллиард доллар мерос мондааст.

Генриета ҳатто дастпоккунакҳои коғазиро намепартофт. Бо усули махсус онро тоза карда, аз нав истифода мебурд. Наврасию ҷавонии худро бо як курта, як пойафзол ва як кулоҳ паси сар кардааст. Вақте пойи писараш ҷароҳат мегирад, ӯро дар бемористони оилаҳои нодор меҳобонад, ки дар натиҷа як пояшро аз даст медиҳад.

Генриета соли 1916 дар 81 – солагӣ аз сактаи дил чашм аз олам пӯшид.

**Таҳияи Лола Ризой**

## ТАРАБХОНАЕ, КИ ХӮРОКАШ ДАР 15 СОНИЯ ПЕШАТОН МЕРАСАД

Дар Мексика тарабхонае вуҷуд дорад, ки ба муштариён дар фурсати бисёр кӯтоҳ хизматрасонии бехтаринро анҷом медиҳад. Яъне, дар 13,5 сония хӯрок ва нӯшокии дархостшуда руйи миз мерасанд.

Ин тарабхона "Karne Garibaldi" ном дошта, соли 1996 ба Китоби рекордҳои Гиннесс шомил шудааст.

Пешхизматон барои он ки дар 15 сония хӯрокро аз ошпазхона то ба муштарӣ расонанд, аз санҷиш мегузаранд ва барои ин пайваста тамрин мекунанд.

**Таҳияи Барноз РАҲМОНШОЕВА**




Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.
Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.
Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха